Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
(734003, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод гардидааст

Ташкили идоракунии давлатии самаранок аз ҷумлаи ҳадафҳои муҳимтарини давлатҳои муосир ба ҳисоб меравад, ки тавассути фишангҳои гуногун таъмин карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраҳои аввали касби мустақилии сиёсӣ нисбат ба ташкили самаракоки идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи хоса равона намуда, дар сатҳи конститутсионӣ механизмҳои амалисозии он, ки мақомоти идоракунии давлатӣ мебошанд, мустаҳкам гардидаанд. Дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ мақом ва нақши мақомоти прокуратура муҳим буда, он ба сифати мақомоти мустақил, ки назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар тамоми қаламрави кишвар таъмин менамояд. Зикр намудан мавриди хос аст, ки дар сатҳи илми ҳуқуқшиносии муосир аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ таҳлил ва пажуҳиш намудани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ мебошад.

Дар воқеъ, дар таъмини суботи муносибатҳои ҷамъиятӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мақом ва нақши мақомоти прокуратура махсус

буда, тавассути шаклҳои фаъолияти худ дар ин самт саҳгузорӣ менамояд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ танҳо дар шароити таъмини пурра ва ҳамаҷонибаи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ба таври бонизом рушд меёбад. Дар робита бо ин, масъалаи мазкур аз ҷониби диссертант Ф.М. Давлатзода мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст, ки саҳифаи наверо дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ боз менамояд.

Тавре аз мазмуни автореферати диссертант бармеояд, прокуратура яке аз мақомоти муҳимми давлатӣ арзёбӣ гардида, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии ҶТ нақши басо муҳимро иҷро менамояд. Гузаронидани ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ дар замони муосир, дар назди прокуратура вазифаи таъмин намудани волоияти қонун, ягонагӣ ва таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳимояи манфиатҳои ҷамъият ва давлатро гузоштааст. Бо назардошти нақши муҳимми мақомоти прокуратура дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар, роҳбарияти олии кишвар (Президенти ҶТ) барои таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ-техникӣ ва таъминоти кадрии ин ниҳоди давлатӣ диққати махсус медиҳанд. Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои таъмини самаранокии фаъолияти прокуратура, таҳкими вазифаҳои асосӣ самтҳои фаъолият ва ваколатҳои мақомоти мазкур таҷдиди назар карда шудааст. Сохтори мақомоти прокуратура вобаста ба талаботи замон мунтазам такмил ёфта, давра ба давра рушд гардидааст.

Бояд гуфт, ки масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳои таҳлилталаб ва мубрам маҳсуб меёбад, ки то ин замон аз ҷониби муҳаққиқи алоҳида пажуҳиш нагардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур қадами аввалине мебошад, ки масоилҳои гуногуни марбут ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкурро мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ қарор додааст. Муаллифи таҳқиқоти диссератсионионӣ тавонистааст, ки

масъалаи номбурдаро ба таври низомнок ва бо риояи усулҳои дахлдори илмӣ таҳқиқ намуда, консепсияи илмиро вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намояд.

Омӯзиш ва таҳлили автореферати диссертатсияи Ф.М. Давлатзода нишон медиҳад, таҳқиқоти диссертатсионӣ бо забони давлатӣ омода гардида, ибораҳо ва ҷумлаҳои дар он инъикосгардида ба хонанда комилан фаҳмо буда, дар он истилоҳоти ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ истифода гардидааст, ки ба мазмун ва сифати таҳқиқот таъсири мусбӣ расонидааст. Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳтавои масъалаи пужуҳишгардида мутобиқ буда, масъалаҳои хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқидоштаро дар худ таҷассум мекунанд, ки ин ифодагари мутобиқ будани рисолаи таҳиягардидаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мебошад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида аҳаммияти илмӣ дошта, аз ҷониби муаллиф ба гуруҳ – нуктаҳои илмии хусусияти назариявӣ ва тавсияҳои хусусияти амалидошта, ки ба такмили қонунгузорӣ мусоидат мекунанд, чудо гардидаанд, ки ин ҳолат аз натиҷаи таҳқиқоти босамари муаллиф шаҳодат медиҳад. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардидаро метавон дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ ва дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори танзимкунандаи фаъолияти мақомоти прокуратура, ҳамчунин амалияи мақомоти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода намуд, ки муаллиф онҳоро аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Дар баробари гуфтаҳои боло, мо бар он назар ҳастем, ки агар дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зербоби алоҳида оид ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар заминаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҳия мегардид, ба сифати таҳқиқоти диссертатсионии мазкур боз ҳам таъсири мусбат мегузошт. Ин ҳолат хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсир намерасонад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳлили автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия» нишон медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Муқариз:**
**Мушовири Директори генералӣ-**
**сардори шуъбаи аудити дохилии**
**ҶСК "НБО Роғун",**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **С.А.Қиёмидинов**

**Имзои Қиёмидинов Саидхоҷа Амриддиновичро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳои ҶСК "НБО Роғун"** **С.А.Абдулаҳадзода**

**735417, ш. Роғун, к. Сохтмончиён–40 тел: 8-(3134) 21-8-56**
**факс: 8-(3134) 21-4-35 , E-mail:info@rogunges.tj**